«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТД «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ » доктори илмҳои таърих, профессор
_____________Ибодуллозода А.И.
аз «__13__» ___06___ соли 2026

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар МТД «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ » ба кори диссертатсионии Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ))

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) - 6D010101.01-Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)), аз он ҷумла, ба банди 4.1. – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ; асосҳои психологӣ-педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдак аз рӯзи таваллуд то давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; банди 4.3. – Махсусияти ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ; банди 4.6. - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва давраҳои гуногуни синну солӣ мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Истифодабарии сарватҳои табиат аз инсоният инкишофи тафаккури экологиро мехоҳад. Ба таври шуурона муносибаткунии экологӣ саъю кӯшиши иродавии инсон баҳри муҳофизати табиат, мубориза фаъол бо вайронкунандагони қонунияти муҳити табии фарогирифта лозим аст.Маълум аст, ки давраи томактабӣ давраи хеле муҳим дар ташаккулёбии шахсияти инсон аст. Маҳз дар ин

давра донишҳои экологӣ, ташаккули маҳорат ва малакаҳои фаъолият дар табиат, бедор кардани ҳисси баланди ахлоқию эстетикӣ, ҳосил намудани сифатҳои ахлоқии баланди шахсият ва иродаи мустаҳкам дар тарбияи экологии кӯдакон махсуб меёбад.

Муҳаққиқ Яҳёзода Ғ.Я. дар рисолаи илмӣ зери унвони «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» мубрамияти таҳқиқи масъалаи мазкурро бо он асоснок менамояд, ки дар замони муосир ба баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ дар тамоми дунё таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад, зеро аз он ҳифзи муҳити зист, некӯаҳволӣ ва саломатии инсон вобастагӣ дорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо оид ба ҳифзи муҳити зист, эҳтиром гузоштан ба табиати нотакрор, истифодаи самараноки сарватҳои табиатро дар мадди аввали сиёсати давлатӣ қарор дода, дар ин радиф санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии хеле муҳимро қабул намуданд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами наботот», «Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» ва ғайра. Махсусан, ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳоди Тоҷикистонро барои эълон доштани солҳои 2018-2028 чун соли «Об барои рушди устувор» қабул ва шиори «Об-манбаи ҳаёт», «Соли об»-ро эълон намуданро бояд тазаккур дод.

Аз ҷониби дигар, баррасии асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ нишон медиҳад, ки имрӯз зарурати таҳқиқи масъалаи ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ба миён омада, дар ин раванд коркарди нокифояи роҳу усулҳои шинос намудани кӯдакон бо табиати Тоҷикистон, инчунин зимни тарбияи муносибати ғамхорона ба табиат дар кӯдакон набудани тарбияи одатҳои устувори экологӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи рисола басо муҳим буда, муҳаққиқ дар зинаи таҳсилоти томактабӣ шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабиро мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон таҳқиқ намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои илмии таҳқиқотро раванди

ташаккули маърифати экологӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ ташкил медиҳад. Дар раванди таҳқиқот метод ва усулҳои самарабахши таълим, инчунин воситаҳои дидактикии ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар асоси истифодаи муҳити табиати Тоҷикистон муайян ва истифода шуданд. Шароитҳои педагогии инкишофи самарабахши асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ дар ҳамкорӣ бо МТТ бо оила дар асоси амсилаи педагогии «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон», ки аз ҷузъҳои - рушди маърифатӣ, рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ ва рушди муошират ва эҷодкорӣ иборат аст, коркард ва татбиқ гардид. Дар ин раванд Барномаи кории «Табиат хонаи мост», Қадамҳои аввалин ба олами экология», бо назардошти ҳамгироии машғулиятҳои таълимӣ, сайругашт, саёҳат ба табиати Тоҷикистон бо истифода аз асарҳои адабиёти бадеӣ, бозиҳои миллӣ, одату анъанаҳо мураттаб ва мавриди санҷиш қарор ёфт. Муҳаққиқ Яҳёзода Ғолиб Яҳё натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст, ки дар таҳияи барномаҳо ва воситаҳои таълимӣ оид ба тарбияи экологӣ дар МТТ метавонанд мавриди истифода қарор ёбанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки дар заминаи таҳлили назариявӣ ва таҷрибавии масъалаи ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ моҳият, мазмун ва сохтори ин раванд мушаххас гардида, шароитҳои педагогии самараноки ташаккули дониш, муносибат ва рафтори экологӣ асоснок карда шуданд. Ҳамзамон, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои шиносо намудани кӯдакон бо табиати Тоҷикистон муайян ва дар амалия санҷида шуданд.

Аҳамияти илмии таҳқиқот дар таҳкими асосҳои назариявии педагогикаи томактабӣ ва тарбияи экологӣ, тавсеаи тасаввуроти илмӣ оид ба имкониятҳои муҳити табиии Тоҷикистон дар ташаккули маърифати экологӣ ва муайян намудани шароитҳои педагогии ташаккули муносибати бошуурона ва ғамхоронаи кӯдакон нисбат ба муҳити зист зоҳир мегардад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои методӣ, шаклҳо ва усулҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, марказҳои рушди кӯдак ва низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф барои баланд бардоштани самаранокии тарбияи экологӣ ва рушди маърифати экологии кӯдакон истифода шаванд.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот ба ташаккули фарҳанги экологӣ, масъулиятшиносӣ ва муносибати эҳтиёткоронаи кӯдакон нисбат ба табиат

алоқаманд буда, барои тарбияи насли дорои ҷаҳонбинии экологӣ ва ҳисси баланди ҳифзи муҳити зист мусоидат менамояд. Дар ин замина, омӯзиши имкониятҳои тарбиявии муҳити табиии Тоҷикистон барои рушди шахсияти кӯдак аҳамияти махсус касб мекунад.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки ташаккули одатҳои дурусти экологӣ ва муносибати сарфакорона ба захираҳои табиӣ аз синни барвақтӣ метавонад дар оянда ба истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва коҳиш додани хароҷоти вобаста ба бартараф намудани оқибатҳои фаъолияти ғайриэкологӣ мусоидат намояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳо** бо мутобиқати мавзуи таҳқиқот ба самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, рушди устувор ва такмили низоми таҳсилоти томактабӣ асоснок мегардад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа анҷом дода шудааст, ки аҳамияти иҷтимоӣ ва педагогии ташаккули маърифати экологиро аз синни томактабӣ муайян менамоянд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили системавии сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи педагогикаи томактабӣ, психологияи синнусолӣ, тарбияи экологӣ ва назарияи рушди шахсият такя мекунад. Таҳлили муқоисавии адабиёти илмӣ нишон дод, ки масъалаи ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ дар ҷараёни шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон ҳанӯз ба таври кофӣ мавриди омӯзиши комплексии илмӣ қарор нагирифтааст. Дар диссертатсия моҳият, мазмун ва сохтори маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ муайян гардида, шароитҳои педагогӣ, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои самараноки ташкили раванди тарбияи экологӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудаанд. Муаллиф модели педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологиро таҳия намуда, нақши шиносоии мақсадноки кӯдаконро бо олами набошот, ҳайвонот ва хусусиятҳои табиати Тоҷикистон дар рушди дониш, ҷаҳонбинӣ ва рафтори экологӣ нишон додааст.

Эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳои илмӣ бо истифодаи маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла таҳлили адабиёти илмӣ, мушоҳида, суҳбат, пурсиш, ташхис, омӯзиши фаъолияти кӯдакон, таҷриба-озмоиши педагогӣ ва коркарди натиҷаҳои бадастомада таъмин гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқ тавассути муқоисаи нишондиҳандаҳои гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ тасдиқ шуда, самаранокии шароитҳои педагогии пешниҳодшуда дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ исбот гардид.

**Саҳми шахсии довталаб** аз иштироки бевоситаи ӯ дар марҳилаҳои таҳқиқот, аз ҷумла банақшагирӣ, интихоб ва асоснoккунии мавзуъ, тартиб додани нақшаи рисола, муайянсозии ҳадаф, вазифа, объект ва мавзуи таҳкиқот, баргузории таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани натиҷаҳои маълумоти тачрибавӣ ва коркарди онҳо, ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ иборат мебошад. Тавсияҳои методӣ, инчунин маводи амалӣ (дар замима) метавонанд ба кори педагогӣ ва тарбиявии ҳам мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ва ҳам омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ кӯмаки методӣ расонанд ва дар мавридҳои ташкил ва гузаронидани экскурсияҳо, мушоҳидаи табиат дар самти экология; хониши курсҳо оид ба таълими экология барои мураббиёни МТТ ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ; таҳияи барномаҳо ва воситаҳои таълимӣ оид ба тарбияи экологӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ истифода шаванд. Нашри мақолаҳои илмӣ, баромад дар мизи мудаввар, семинар, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷамъбасти кори таҳқиқотӣ бармеоянд

Тасвиб ва амалисозии натичаҳои диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба таркиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)), автореферат, мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат мекунад. Мазмуну муҳтавои автореферат аз мазмуни матни диссертатсия бармеояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва ҳамоишҳои илмии ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз рӯйи мавзуи таҳқикот унвонҷӯ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърузаҳо баромад намуда, натиҷаҳои таҳқикотро дар мақолаҳои илмӣ интишор намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 13

мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» ва «Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф» ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, 9 мақолаи дигар дар маҷмуаҳои конференсияҳои илмӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ масъалаи ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабиро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, нақши шароитҳои педагогиро дар рушди дониш, ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги экологии кӯдакон асоснок намудааст. Муҳаққиқ хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, имкониятҳои тарбиявии муҳити табиӣ ва нақши шиносоӣ бо табиати Тоҷикистонро дар ташаккули муносибати бошуурона нисбат ба муҳити зист муайян намуда, шароит, шакл, усул ва воситаҳои самараноки ташкили раванди тарбияи экологиро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таҳлил кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки ташкили мақсадноки фаъолияти маърифатӣ ва амалии кӯдакон дар ҷараёни шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон ба баланд гардидани сатҳи донишҳои экологӣ, ташаккули муносибати эҳтиёткорона нисбат ба муҳити зист, рушди фарҳанги экологӣ ва рафтори масъулонаи онҳо мусоидат менамояд. Ин раванд барои тарбияи насли дорои ҷаҳонбинии экологӣ, эҳтиром ба сарватҳои табиӣ ва омодагӣ ба ҳифзи муҳити зист заминаи мусоид фароҳам меорад. Мазмун, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, қисматҳои он бо риояи пайдарпайии мантиқӣ таҳия гардидаанд. Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии масъалаи таҳқиқшаванда дар ҳамбастагӣ баррасӣ гардида, натиҷаҳои бадастомада бо хулосаҳои илмии асоснок ҷамъбаст шудаанд. Диссертатсия ҳамчун кори илмии анҷомёфта ва мустақилона иҷрошуда арзёбӣ мегардад.

Рисолаи илмии мазкур муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулосаю тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаро дар бар мегирад. Ҳаҷми кор аз 190 саҳифа иборат буда, дар он 10 расм, 7 ҷадвал ва 5 диаграмма ва 4 нақша ҷой дода шудаанд.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия оид ба мубрамияти таҳқиқи масъала, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаи маълумотҳо, навгониҳо

ва аҳмияти назариявию амалии таҳқиқот, фарзия ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, истифодаи заминаҳои эмперикӣ маълумот додааст.

**Боби якум «Асосҳои назариявии тарбияи асосҳои экологии кӯдакон дар муассисаи томактабӣ»** номгузорӣ шудааст. Дар фасли якуми боби якум – **«Таҳлили адабиёти психологӣ, педагогӣ ва методӣ оид ба масъалаи тарбияи экологии насли наврас»** қайд мегардад, ки Дар тули таърихи дуру дароз файласуфони барҷаста ба ҷонибҳои гуногуни тарбияи экологӣ аҳамияти махсус зоҳир намуданд. Аз ҷумла, Аристотел, Суқрот, Афлотун, Ҷон Локк ва Роберт деарт, гегел, Фейербах ва бисёр файласуфони дигар дар асарҳои худ нақши тарбияи экологиро дар кӯдакон таъкид намуданд.

Муҳаққиқ нуқтаи назари олимонро таҳлил намуда, қайд мекунад, дар шароити кунунӣ, ки ҷаҳон бо мушкилоти глобалӣ (обшавии босуръати пиряхҳо, васеъшавии сӯрохиҳои озон, сӯхтани ҷангалзорҳо, селу тармаҳо) рӯбарӯ шудааст, шуури экологӣ бояд дар ҳар як соҳаи илм, истеҳсолоти техникӣ ва ғайра мавҷуд бошад. Ҳангоми ҳалли масъалаи шуурнокии экологӣ аҳамияти муносибатҳои воқеии байни ҷамъият ва табиат бояд дар мадди аввал бошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили раванди таълиму тарбияи экологӣ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими меъёрӣ қабул карда шудаанд, ки ба ҳалли проблемаҳои ба миён омадаистодаи экологӣ нигаронида шудаанд. Таваҷҷуҳи асосӣ фароҳам овардани муҳити мутаносиби таълим ва ҳамкории эҷодкорона бо кӯдакон ва волидон мебошад. Таъмини муҳити мутаносиби таълимӣ онро пурмазмун, дастрас ва бехатар мегардонад.

Зербоби дуюми боби якум – **«Раванди таҳқиқи ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ҳамчун масъалаи педагогӣ»** таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар ҷомеаи муосир, ки насли наврас беш аз пеш ба зиддиятҳои ғоявию ахлоқӣ рӯ ба рӯ мешавад, таҳкими тарбияи экологӣ ва эстетикӣ ва ба ин васила дар кӯдакони муассисаҳои таълимӣ бо назардошти унсурҳои педагогӣ арзишҳои баланди худшиносӣ парваридан бамаврид аст.

Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки ташаккули тарбияи экологӣ дар шуури кӯдакон, хусусан, кӯдакони муассисаҳои таълимӣ аз равандҳои педагогӣ, аз ҷумла, расонидани фаҳмишҳои дурусти табиатдӯстдорию зебоипарастӣ тавассути машғулиятҳо ва экскурсияҳо, машғулиятҳои тарбиявӣ, озмунҳои рассомӣ, инчунин, чорабиниҳо дар фазои табиат ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар синни 5-7 солагӣ кӯдакони синни томактабӣ метавонанд мустақилона хулосабарорӣ намоянд. Тафаккур ва дарки онҳо бори дигар мавҷудияти тафаккури аёнӣ-образиро нишон

медиҳад. Насли имрӯза қоидаҳои рафтор дар табиат, зарурати риояи қоидаҳои муқарраргардидаро хуб медонад, аз раванди нашъунамои наботот ва ҳайвонот, аҳамияти об дар ҳаёти инсон огоҳӣ дошта, бо мавқеи пиряххо чи дар хаёти инсон ва чи дар табиат бохабар ҳастанд. Дар МТТ дар асоси баргузории машғулиятҳо, хондани асарҳои бадеӣ, саёҳат, истифодаи технологияҳои педагогӣ ва воситаҳои ахбори омма вазифаҳои гузоштаро роҳандозӣ намуд.

Дар боби дуюм **«Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони 6-7 сола»** дида баромада шудааст. Дар фасли якуми боби дуюм «**Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ**» оварда шудааст, ки яке аз шароитҳои педагогии самарабахши ташаккули маърифати экологӣ ин кори бевоситаи кӯдакон дар табиат – шинонидани гул, обдиҳӣ ва нигуҳибини растаниҳо, парандагон, ҳайвоноти хонагӣ ва дигар мебошад. Шароити муҳими педагогӣ дар тарбияи экологии кӯдакон ҳамкории мураббия бо волидон мебошад. Истифодаи васеи методҳои гуногун ба рушди донишҳои экологӣ ва албатта ба ташаккули асосҳои маърифати экологӣ мусоидат мекунанд. Ба ин шаклҳои ташкилӣ низ дохил мешавад, ки суръати азхудкунии донишҳои мушаххасро муайян мекунанд.

Инчунин, истифодаи бозиҳои гуногун – таълимӣ, фаъол, эҷодӣ ва ғайра барои васеъ намудани фаҳмиши кӯдакон дар бораи ҳодисаҳо ва ашёҳои табиат кумак мерасонанд. Гуногунии зиёди онҳо – дидактикӣ, серҳаракат, нақшбозӣ ва ғайра ба кӯдакон имкон медиҳад, ки нақши объекти муайяни табиатро ба уҳда гиранд ва хусусиятҳои рафтори онро дарк намоянд, ки ин ҳам ба инкишофи маърифати экологӣ ва ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ мусоидат мекунад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Нақши муассисаҳои таълимӣ ва оила дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ»** дида баромада шудаст. Дар зерфаслҳои қаблӣ ҷанбаҳои асосии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдак дар доираи таълиму тарбия дар муҳити муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баррасӣ қарор ёфт. “Аммо муҳимтарин чизро набояд фаромӯш кард, ки тарбияи экологии кӯдакон дар сурати мавҷуд будани ҳамкорӣ ва робитаи байни волидон ва мураббия, ки барои инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак шароити зарурири фароҳам меорад, метавонад самаранок бошад” – қайд мекунад муҳаққиқ Яҳёзода Ғ.Я.. Намудҳои кор бо кӯдакон, аз зумраи экскурсияхо ва сайругаштҳо нигоҳубини растаниҳо ва ҳайвонот; мушоҳидаҳо, таҷриба

ва таҳқиқот; суҳбат; машқҳои бозӣ; маводи аудио ва видео хоҳиши омӯхтани табиат ва нигоҳубини олами набототу ҳайвонотро бедор мекунад. Бисёр бомаврид қайд гардидааст, ки маърифати экологӣ аз донистани кӯдакон дар бораи сарват ва неъматҳои табиати Тоҷикистон огоз мешавад. Ҳамкории зич бо волидон дар тарбияи маърифати экологӣ ба рушди шуури кӯдак таъсири ҳамаҷониба мерасонад. Аз ин лиҳоз, барои муайян кардани муносибати волидайн ба тарбияи экологӣ пурсиш гузаронида шуд. Ҷавобҳои волидайн барои равшан кардани фаҳмиши онҳо оид ба имконияти оиларо дар ташаккули маърифати экологии кӯдакон кушода медиҳад.

**Дар боби сеюм «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон»,** дар фасли якум **«Хусусиятҳои ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои педагогӣ»** қайд мегардад, ки тарбияи экологӣ худ раванди ташаккулдиҳӣ ва муайянкунии муносибати пурарзиш нисбати табиати иҳотакарда мебошад. Маҳз барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва огоҳии экологии насли наврасро ноил шудан ба рушди устувор дар системаи ҷаҳонии маърифати экологӣ таҷрибаҳо, усулҳо ва шаклҳои гуногун истифода мешаванд.

Мақсади ин қисмат мураттабсозии «Амсилаи ташаккули маърифати экологии кӯдакон» мебошад, ки аз ҷузъҳои - таъмини муҳити ашёӣ- рушддиҳанда(ташкили гӯшаҳои экологӣ дар гурӯҳ, дастрасии кӯдакон ба маводи табиат, имконияти донистагирии хусусиятҳои табиат); рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ (инкишофи дониш, маҳорат ва малака, эҳсосот аз зебогиҳои табиат, шавқмандӣ аз дидани расм, хондани шеър) ва рушди муошират ва эҷодкорӣ (ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзуи экология (дар шакли хондани асарҳои бадеӣ, суҳбат, нақл, бозӣ, расмкашӣ) дар ҳамкорӣ МТТ бо волидон иборат мебошад.

Муҳаққиқ тибқи талаботи Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» вазифаҳо оид ба шинос намудани кӯдакон бо муҳити атроф, табиати зинда ва ғайризинда, фаслҳои сол ва тарбияи экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ба инобат гирифта, бо истифода аз машғулиятҳо, суҳбатҳо, машғулиятҳои таҷрибавию ҷустуҷӯйӣ, экскурсияҳо, озмунҳо, викторинаҳо, бозиҳо, идҳо, дилхушиҳо ва ғайра маърифати экологиро дар кӯдакон ташаккул додааст.

Зербоби дуюми боби сеюм – **Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни 5-7 сола дар марҳилаи аввали озмоиши**

**педагогӣ»** номгузорӣ гардидааст ва мақсади асосии ин зербоби рисола дар он мебошад, ки дар асоси "Амсилаи ташаккули маърифати экологии кӯдакон» муҳаққиқ Барномаи озмоишии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калон томактабиро коркард намудааст. Муваффақияти кор аз он иборат аст, ки таҳқиқот дар се марҳила - озмоиши муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва асосӣ гузаронида шуда, дараҷаи дониши экологии кӯдакони синни томактабӣ бо методикаи олимони ватанӣ Л.Тоҷибоева, З.Қурбонова ва З.Тургунова барои кӯдакони гурӯҳи калон ва омодагӣ ба мактаб мувофиқи талаботи «Барномаи таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» мавриди таҳқиқ қарор дода, докторант ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Арзиши амалии рисола дар он ба назар мерасад, ки муаллиф дар раванди инкишоф ташаккули фаҳмиши кӯдакон оид ба ҳодисаҳои экологӣ, алоқамандӣ ва вобастагии мавҷудияти олами набототу ҳайвонотро ба назар гирифтааст. Кӯдакони синни калони томактабӣ дар бораи вазъияти табиат хулоса бароварда, фикру ақидаи худро баён менамоянд ва азифаи тарбиявии донишҳои экологӣ ташаккули муносибати ахлоқию эстетикии кӯдакон ба табиатро дар бар мегирад.

Дар фасли сеюми боби сеюм – **«Барномаи озмоишии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни 6-7 сола ва ҷамъбасти он»** мавриди таҳқиқ қарор ёфт. Дар рафти озмоиши ташаккулёбанда бо мақсади интихоби намудҳои самараноки фаъолияти маърифатӣ оид ба баланд бардоштани дониши экологии кӯдакон Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Кадамҳои аввалин ба олами экология» мураттаб ва мавриди таҳқиқ қарор ёфт.

Дар доираи корҳои озмоишӣ системаи чорабиниҳои дастаҷамъонаи педагогӣ мавриди истифодаи Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология»», ки ба ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон дар гурӯҳи таҷрибавӣ нигаронида шуда буд, ташкил ва баргузор намудааст.

Дар кори озмоишӣ яке аз усулҳое, ки барои раванди аз худ намудани маълумот дар бораи табиат мусоидат мекунад ва барои тарбияи экологии кӯдакони синни калони томактабӣ босамар мебошад, технологияи педагогии «Ба хотир овардан дар асоси аломатҳои тасвирӣ» мавриди таҳқиқ қарор ёфта, маҳз бо истифода аз аломатҳои тасвирӣ баргузор мегардад. Ин аломатҳои тасвирӣ изҳороти кӯдаконро возеҳ, мувофиқ ва пайгирона менамоянд ва барои ёфтани ашёи дар тарҳ

(схема) оварда ҳамчун нақшаи ба хотир овардан кӯмак мекунад, яъне кӯдак метавонад фикри худро дар асоси аломатҳо пайдарҳам ва дуруст гуфта диҳад.

Ҷамъбаст ва таҳлили миқдории натиҷаҳои озмоиши асосӣ нишон додааст, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ фарқияти шумораи кӯдакони дорои маърифати баланди экологӣ аз 4% то 32% расид, ки дар умум 28% зиёд гардид. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад аз 4% то 8% (фарқият 4%) зиёд гардидааст. Махсусан, таъкид гардидааст, ки ягон кори таълиму тарбия бе муошироти пурсамари мураббия бо оила фаҳмиши комили падару модар бомуваффақият иҷро карда намешавад, зеро ҳар як лаҳзаи бо кӯдак гузаронидашуда донишҳои экологии онҳоро ғанӣ мегардонад ва шахсияти онҳоро ташаккул медиҳад.

**Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ва автореферати он вобаста ба талаботи дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) омода карда шуда, мақолаҳои илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмун ва муҳтавои асосии рисоларо инъикос менамоянд. Дастовардҳои илмӣ, эътимоднокӣ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф тибқи талаботи дастурамали Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шудаанд.

Дар матни диссертатсия муқаррароти дастурамали Комиссияи олии аттестатсионӣ риоя гардида, матн бо забони тоҷикӣ ба таври возеҳ ва равшан таҳия шудааст. Тартиби таҳия ва ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи диссертатсия дуруст буда, робитаи мантиқӣ ва пайдарпайии мавод таъмин гардидааст. Дар охири ҳар як боб хулосаҳои мушаххас пешниҳод шуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ба таври ҷамъбастӣ баён гардидаанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Агар дар диссертатсия таҷрибаи пешқадами баъзе мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ доир ба ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ ба

таври васеътар нишон дода мешуд, ҷиҳати амалии мазмуни рисола боз ҳам қавитар мегардид.

2 Дар зерфасли якуми боби аввали диссертатсия (саҳ.39-42 ) таҳлили китобҳои дарсии “Табиатшиносӣ”, “Шиносоӣ бо муҳити атроф” дар синфҳои ибтидоӣ таҳлил шудааст, ки баъзеи онҳо ба мавзӯи таҳқиқот кам дахл доранд.

3. Агар муҳаққиқ дар рисолаи илмӣ ба тарзу воситаҳои истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ зиёдтар таваҷҷуҳ зоҳир мекард, арзиши илмии рисола боз ҳам баландтар мегардид.

4. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияро дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

**Хулосаи умумӣ**

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионии Яҳёзода Ғолиб Яҳё «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Яҳёзода Ғолиб Яҳё сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст. Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Яҳёзода Ғолиб Яҳё иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ 15 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «бетараф» - нест, «муқобил» - нест. (Қарори ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 12 июни соли 2026, №20)

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Мансурова Ҷамила Сулаймоновна

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ — Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Фароғат Анваровна

12.06. 2026

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А., Самиев ва Ф.А. Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода Сайвали Муҳибулло

**Суроғаи муассисаи пешбар:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj